# РИСОЛАТИ НАВРӮЗИ АҶАМ
# НАЗАРЕ БА АСОЛАТИ ИНСОНСОЗИИ НАВРӮЗӢ ҶАҲОНАФРӮЗ

Наврӯз ҳамчун яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумони Ориёӣ бо таърихи бисёрҳазорсола худ чун рамзи зиндагонии тоза, ҳамдиливу ваҳдат ва эҳёи табиат шинохта шудааст. Расму оинҳои зиндагисози он дар заминаи тамаддуни ғании моддиву маънавии аҷдодони мо инкишоф ёфта, бо мурури замон ба фарҳанги халқҳои гуногуни ҷаҳон роҳ ёфтааст. Чуноне ин нуқтаро Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: "Расму оинҳои зиндагисози ин ҷашн дар заминаи тамаддуни қадимаи моддиву маънавии мардуми мо инкишоф ёфта, бо мурури замон ба одобу анъанаҳои мардумиву фарҳангии халқу миллатҳои гуногуни сайёра роҳ ёфта, аҳли башарро ба сӯи арзишҳои олӣ, камолоти ахлоқӣ ва маънавӣ ҳидоят намудааст".

Бо талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷашни Наврӯз мақоми байналмилалиро соҳиб гардид. Соли 2009 ЮНЕСКО онро ба Феҳристи мероси ғайримоддии инсоният ворид намуд ва соли 2010 бо қарори Созмони Милали Муттаҳид Наврӯз ҷашни расмии байналмилалӣ эълон шуд. Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат мизбони ҷашнҳои байналмилалии Наврӯз гардида, барои эҳёи суннатҳои қадимаи он саҳми арзанда гузоштааст.

Равнақ додани суннатҳои наврӯзиро Ҳукумати Тоҷикистон дар замони раҳбарии ӯ якчанд иқдомҳоро барои эҳёи анъанаҳои миллии Наврӯз, аз ҷумла ташкили базмҳои мардумӣ, бозгашти расму оинҳои қадима ва таҳкими арзишҳои миллӣ анҷом дод. Бо шарофати ин иқдомҳо, имрӯз Наврӯз ҳамчун ҷашни умумибашарӣ дар беш аз даҳ кишвари ҷаҳон, аз ҷумла, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон таҷлил карда мешавад.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, Наврӯз на танҳо ҳамчун як ҷашни миллӣ таҷлил мегардад, балки ҷашни расмии давлатӣ эътироф шуда, бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҳамасола пешвоз гирифта мешавад.

Наврӯз яке аз қадимитарин ва пурмаънотарин ҷашнҳои миллати тоҷикон ва халқҳои тамаддуни Ориёӣ мебошад. Ин ҷашн на танҳо оғози соли нави шамсӣ ва фасли баҳор аст, балки дорои паёми амиқи маънавӣ ва рисолати бузурги инсонӣ низ мебошад. Рисолати Наврӯз - даъвати инсон ба таҷдид, покшавӣ, дӯстиву ваҳдат ва умед ба ояндаи нек аст.

Ин ҷашн ба мо меомӯзад, ки пас аз ҳар зимистони пур аз сахтӣ ва сармо, баҳори нозанини сабзу гулзор меояд. Ин ҷашн моро водор месозад, ки

зиндагиро аз нав дида бароем, ниятҳоямонро пок кунем ва дар қалб ва зеҳнамон шохаҳои сабзи умед ва меҳр биорем.

Расму анъанаҳои Наврӯзи аҷам, ба мисли поксозии хона ва ҷомаву ҷон, оштӣ кардани одамон, дастархони ҳоҷат ва оростани ҳафтсин ё ҳафтшин, танҳо одатҳои зоҳирӣ нестанд. Онҳо рамзи маънавии эҳё ва иртибот бо худ ва ҷомеаанд. Дар ин рӯз инсон бояд ба худ савол диҳад: "Чӣ гуна метавонам дар ин сол беҳтар бошам? Ба кӣ кӯмак карда метавонам? Чӣ гуна метавонам дӯстиву эҳтиромро афзоиш диҳам?"

Ҷашни Наврӯз ҳамчунин рамзи пайванд бо гузашта аст. Маҳз тавассути ин ҷашн мо шоҳиди зиндаи давомияти анъанаҳо, фарҳанг ва худшиносии миллӣ мегардем. Ин робитаи устувор моро ба аслу реша ва ба маънои зиндагӣ наздиктар месозад.

Рисолати дигари он - даъват ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Замоне ки табиат дар як ҳолати шукӯҳу зебоӣ қарор мегирад, инсон низ бояд дар ҳамзистӣ, дӯстӣ ва ҳамфикрӣ бо дигарон зиндагӣ кунад. Ин рӯз моро ҳушдор медиҳад, ки фақат дар муҳити сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ метавон рушд кард ва ба мартабаҳои баланд расид.

Рисолати Наврӯз, яъне паём ва ҳикмати аслии он, дар таҷдид, таваллуди нав, покшавӣ ва шодиву умед таҷассум меёбад. Наврӯз танҳо як иди солинавӣ нест, балки як фалсафа ва рисолат аст, ки аз табиат, гардиши замон ва қонуни таҷдид илҳом гирифтааст. Он ба мо мегӯяд:

- ҳар баҳор ҳаёт аз нав оғоз мешавад, пас инсон низ метавонад ҳамеша аз нав эҳё шавад;
- поккорӣ ва тоза кардани хона ва қалб рамзи пок намудани андешаву ниятҳост;
- меҳрубонӣ ва оштӣ кардани мардум бо якдигар рисолати муҳимми Наврӯз аст, зеро зиндагӣ бидуни оромӣ ва дӯстӣ маъно надорад;
- ҳурмат ба анъанаҳо ва пайванд бо гузашта моро аз хештан бехабар намегузорад;
- ин ҷашни бузург инсонро даъват мекунад, ки умедро гум накунад, пас аз сармо баҳор меояд, пас аз торикӣ нур.

Дар ниҳоят, рисолати асосии Наврӯз умеду орзу бахшидан мебошад - умед ба навсозӣ, ба рӯшноӣ, ба ояндаи нек ва ба зиндагии шоиста. Зеро ҳар субҳи Наврӯзӣ паёми наве дорад - пас аз торикӣ равшанӣ, пас аз сармо гармӣ ва пас аз мушкилӣ осонӣ хоҳад омад.

Дар маҷмуъ, рисолати Наврӯз ба инсон хотиррасон мекунад, ки зиндагӣ чархаи безавол аст ва ҳар нафас имкони наве барои рушд, бахшоиш, муҳаббат ва шукргузорӣ мебошад. Мо бояд ин рисолатро шиносем ва ба

наслҳои оянда интиқол диҳем, то ҳамеша дар қалби миллат шуълаи умед, дӯстӣ ва рушду созандагӣ фурӯзон бошад.

Таманнои онро дорам, ки Тоҷикистони азизамон боз ҳам ободу зебо гардида, суннату анъанаҳои Ҷашни миллии аҷдодиамон - Наврӯз дар иттиҳоду сарҷамъ ва рушду шукуфоии мо саҳми бештар гузорад ва халқи тоҷик ҳамеша шоду хуррам бошад.

**Наврӯз ҷаҳонӣ шуд , то бод чунин бодо!**
**Ҷашни ҳамагонӣ шуд, то бод чунин бодо!**

**Ин суннати неки Ҷам, бар халқи ҳама олам,**
**Навбоваи сонӣ шуд, то бод чунин бодо!**

Ниёзӣ Сироҷиддин – н.и.т., директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон